Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандиии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)**

Дар шароити ҷомеаи пасосанотаии муосир, илм ва маориф дар ҳали масъалаҳои умумибашари мавқеи марказиро касб намуда, дар саргаҳи асосии рушди ҷомеа қарор дорад. Тадбиқи илм дар истеҳсолот воситаи асосии рушди ҷомеа ва давлат мансуб меёбад ва воситаи асосии илм дар истеҳсолот тавасу раванди ҳамгироии илму маориф ва истеҳсолт сурат мегирад. Дар шароити тағийрёбандаи рушди ҷомеа равнди ҳамгирои дар ҳама соҳаҳои фаъолити инсонӣмушоҳида мешавад. Ин раванд ҳамчун тамоюли нави фалсафиву иҷтимоӣ мариди омӯзиш ва таҳқикӣ илмҳои гуманитариву ҷомеашиносӣ махсусан фалсафаи иҷтимои крор гирифтааст. Дисертарсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи “Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давалтӣ” буда ба ҳамин самт нигаронида шудааст.

Таҳқиқоти мазкур кӯшиши таҳлили илмиву фалсафии интегратсияи илму маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ, нақши илму маориф дар ҳали масъалаҳои муҳими иҷтимоиву сиёсии мамлакат ва тақвиятбахшидани неруи зеҳнӣ, ҳамчунин баландбардоштани ҳамкории илму маориф бо дигар ниҳодҳои давлатӣ мариди таҳқиқ қарор гирифтааст. Вазъи коркарди илмии мавзуъ дар сатҳи кофӣ муайян гардида, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар доираи фалсафаи

ватанӣ масъалаи ташаккули самти нави фалсафаи ичтимои, ки дар он таҳлили ичтимоӣ – фалсафӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Мақсади таҳқиқотро бошад таҳлили илмӣ ва методологии боҳамалоқамандии илм ва маориф, нишон додани накш ва таъсири фаъолияти муштараки маориф ва илм дар таҳким ва рушди ҳаёти моддию маънавии мамлакат, ташаккул ва рушди иқтидори зеҳнии кишвар, истифодаи самараноки натичаҳои тадқиқотҳои илмии мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии ҷӯмҳурӣ, таҳкими боҳамалоқамандии соҳаи маориф, илм ва истеҳсолот дар шароити истиқлолияти давлатӣ мебошад. Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Ғаюров Лоиқ Шералиевич аҳамияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Барои амалисозии мақсадҳои асосӣ диссертант ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои гуногунро ҳадафи хеш қарор додааст. Ба монанди таҳлили илм ва маориф ҳамчун ниҳоди ичтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих, нишон додани заминаҳои ичтимоию фалсафии боҳамалоқамандии маориф ва илм, таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии соҳаи маориф ва илм дар тачрибаи кишварҳои хоричa ва гайра.

Зимни таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои фалсафӣ, муҳаккиқони барчастаи ғарб, рус, точик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя кардааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, крору конунҳои Ҳукумати Ҷумхрии Тоҷикистон ва стратегияхои давлати мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Бо таҳлили доираи васеи адабиёти илмӣ омӯзиши

боҳамалоқамандии илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шуда, нисбат ба аҳамиятнок буданимасъалаи мазкур хулосаҳои илман асоснокшуда баён намудааст.

Сохтори рисолаи таҳқиқотӣ аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – “**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф**” аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили масъалаҳои ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фалсафии таҳқиқи масъалаи бомҳамалоқамандии илм ва маориф, боҳамалоқамандии илм ва маориф дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа ва ғайра бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **“Стратегияи баҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо”** ба омӯзиш ва таҳқиқи вазъи боҳамалоқамандии илм ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки рушди илми академӣ ва муассисҳои таҳсилоти олӣ, :мушкилот ва дурнамои ҳамгироии илм ва маориф дар низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон ва дигар масоили марбут ба самти мазкур бахшида шудааст.

Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 7 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гаштаанд моҳияти бунёдӣ ва илмӣ дошта, истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Дар баробари дастовардҳои хуби илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзан нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар комил гардидани мазмуни автореферати рисола мусоидат менамояд. Аз

ҷумла, дар матни чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Новобаста аз чунин норасогиҳо онҳо наметавонанд арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намоянд.

Автореферати диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои сотсиологӣ,
муовини сардори Раёсати таҳлили
масъалаҳои иҷтимоии Маркази
тадкиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Н. Назирова

Имзои н.и. сотсиологӣ
М.Н.Назироваро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси
МТС назди Президенти ҶТ З.Д.Шодиева

22.11.23.